***Лайло Носирова***

# Касбу ҳунарҳои мардумӣ аз нигоҳи ҷавонон ва нақши онҳо дар рушди он

Шароити имрӯзаи болоравии ҳаёти иҷтимоӣ, ки дар он бунёди ҷомеаи демократӣ ва дунявӣ ҳадафи асосӣ қарор гирифтааст, тамоюлҳои гуногуни амалӣ сохтани мақсад, аз қабили тарбияи шахс дар рӯҳияи меҳанпарастӣ, ифтихори миллӣ, фарҳангпарастӣ зарурат касб намудааст. Давраи гузариш дар радифи бухрони сиёсию иқтисодӣ бухрони фарҳангиро низ ба миён овардааст. Яке аз самтҳои рафъ кардани он ин тавассути инкишоф додани ҳунарҳои мардумӣ мебошад.

Дар замони муосир бо шарофати Истиқлолияти кишвар таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, сарвари давлат ба эҳё ва рушд кардани фарҳанги миллӣ, аз ҷумла ҳунарҳои мардумӣ беш аз пеш меафзояд. Ҳар як кишвар кӯшиш менамояд, ки бо роҳу тадбирҳои мухталиф фарҳанги миллии хешро ҳифз намояд. Дар шароити имрӯза рӯ овардан ба ҷавонон ва истифода аз имкониятҳои зеҳниву ҷисмонии онҳо яке аз шартҳои ноил шудан ба инкишофи устувори давлат ва ҷомеа мебошад. Чунки ҷавонон яке аз қишрҳои муҳими ҷомеа ба ҳисоб рафта, барои талқини касбу ҳунарҳои миллӣ нақши асосӣ мебозанд.

Муносибати имрӯзаи ҷавонон нисбати ҳунарҳои мардумӣ собит месозад, ки бидуни омӯзишу эҳё ва рушди ҳамаҷонибаи мероси фарҳанги ниёгон таъмини инкишофи ҳаёти ҷомеа пеш намеравад. Зеро рушду нумуи касбу ҳунарҳои халқӣ ва мавқеи он дар шароити ҷаҳонишавӣ ба вазъи иҷтимоиву иқтисодии ҷавонон бетаъсир намемонад.

Як гурӯҳи ҷомеашиносон ва фарҳангшиносон ба хулосае омадаанд, ки муҳити ҷавонони ҳозира бисёр як муҳити душвор мебошад. Чунки аз рӯи тадқиқотҳои муҳаққиқон маълум гардидааст, ки бештари ҷавонон бар он назаранд, ки пос доштани арзишҳои миллӣ ва донистани ҳунарҳои қадимии тоҷикон гӯё ба онҳо ягон манфиате намеорад. Вале чунин нест, зеро дар муқоиса бо ҷавонони солҳои 70-80-уми асри гузашта ҷавонони имрӯза фарққунандаанд. Ҷавонони муосир нисбат ба маҳсулотҳои қадимӣ бештар ба он маҳсулотҳое, ки ҳунармандон дар он навоварӣ ворид кардаанд ҳамонро қабул доранд. Аз тарафи дигар онҳо ба хотири завқу рағбат доштан ба ин ё он навъи ҳунар машғул мешаванд, на бо роҳи маҷбуркунӣ. Барои ин бояд роҳҳои ҷалб кардани ҷавононро ба касбу ҳунарҳои миллӣ дида баромад.

То ин дам олимону муҳаққиқони соҳаи фарҳанг омилҳои зиёдеро барои рӯ овардани ҷавонон ба касбу ҳунарҳои мардумӣ муайян намудаанд:

***- коркарди омилҳои таъсиррасонӣ ба ҷавонон тавассути намунаҳои гуногуни маҳсулоти ҳунармандон ва эҳёи минбаъдаи он дар шароити ҷаҳонишавӣ;***

***- омӯзишу таҳқиқи анъанаҳои миллӣ ва ҳифзу ташаккули он;***

***- кор карда баромадани барномаҳои назариявию амалӣ ва ҷалб намудани ҷавонон ба он;***

***- маълумоти дуруст расонидан нисбати ҳар як ҳунар ва таърихи он;***

***- ташкил намудани семинар-машваратҳо барои рушд додани ҳунарҳои мардумӣ;***

***- гузаронидани намоишу чорабиниҳо, ба маърази тамошо мондани намунаи маҳсулотҳои ҳунармандӣ ва ҷалб намудани ҷавонон ба он;***

***- ҳамкории ҳунармандони соҳибтаҷриба бо ҷавонони лаёқатманд;***

***- ҳавасманд гардони ҳунармандони ҷавон аз тарафи ташкилоту муассисаҳои дахлдор ва ғайра.***

Ҷанбаҳои мухталифи ҳунар ба хаёту зиндагии мардум, бахусус ҷавонон алоқамандии зич дошта, имконияти васеи ҷалб намудани онҳоро ба кори омӯзишу эҳёи он дороcт. Масалан, дар замонҳои пеш дастрасии техникаву технологияҳои иттилоотӣ маҳдуд буд ва ҷавонони онвақта дар соҳаи касбу ҳунар ба натиҷаҳои дилхоҳ расида наметавонистанд. Имрӯзҳо бошад, ҳамаи ҷавонон аз технологияи инноватсионӣ васеъ истифода мекунанд.

Бо вуҷуди каме паст будани меъёрҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии ҷавонон нисбати касбу ҳунарҳои халқӣ дар муқоиса бо наслҳои гузашта ҷавонони имрӯза фаҳмиши баланди дарккунӣ дошта, шароити зиндагиашон мутамарказ аст. Дастовардҳои фарҳангии кишвар тайи панҷсолаи охир собит намуданд, ки ҷавонони мо фарҳанги сулҳу дӯстӣ, табиати биҳиштосо ва иқтидору имкониятҳои кишвари худро барои ҷаҳониён ба таври шоиставу арзанда муаррифӣ карда метавонанд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аксари ҷавонон ба он ҳунарҳое таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, ки ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ аст ва дар таҳияи он аз технологияи ҳозиразамон васеъ истифода карда бошанд. Дар натиҷаи намоиши ҳунарҳои мардумие, ки соли ҷорӣ бахшида ба соли ҷавонон баргузор шуд, ҳам ҷавонон ва ҳам калонсолон бештар ба ҳунарҳои кандакорӣ, кулолгарӣ, аъҷубасозӣ, созтарошӣ, кордсозӣ диққати махсус доданд. Зеро дар намунаи ҳунарҳои мазкур техникаву технологияи нав ба таври васеъ истифода шудааст. Масалан, дар ҳунари кандакорӣ, ки маҳсули дасти ҳунармандони ҷавон буд, намунаҳои наву замонавии табақ, кат, сандуқчаҳои гуногун, мизу курсӣ, муқоваи китоб ва амсоли инҳо дар фестивал пешкаши тамомшобинон гардонида шуда буд. Ин қабил ҳунарҳо, ки тавассути технологияи навин ба роҳ монда шудааст дар намоишу фестивалҳои ҳунарҳои мардумӣ хеле зиёд ба назар мерасад. Ҳатто хориҷиён низ ба онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд.

Тибқи маълумот дар замони шуравӣ дар Тоҷикистон теъдоди ками ҷавонон ба касбу ҳунар ҷалб мегардиданд ва корхонаву фабрикаҳои истеҳсолӣ ҳам танҳо ҷавонони лаёқатмандро қабул мекард. Ҳоло дар мамлакат ҳамаи марказҳои таълимӣ – истеҳсолии касбу ҳунарҳои мардумӣ мутахассисони ҷавонро омода месозад. Сол то сол шумораи ҳунармандони ҷавон низ афзуда истодааст. Ғайр аз ин дар намоишу чорабиниҳои байналмилалӣ ҳам ҳунармандони ҷавон бо маҳсули дасти хеш иштирок намуда, аз тарафи тамомшобинон баҳои баланд гирифтаанд. Зеро Ҳукумати кишвар ҳамеша барои пешравии касбу ҳунари аҷдодӣ ва азхуд намудани ҷавонон онро чораву тадбирҳои зарурӣ андешида, онро бо роҳҳои ҳавасмандгардонӣ ва таҳқиқу омӯзиш ҷалб менамояд. Бояд гуфт, ки дар замони соҳибистиқлолии кишвар дастгирии ҳунармандони ҷавон тадриҷан афзоиш ёфта истодааст.

Гузаронидани фестивалҳо, озмунҳо, намоишҳои ҳунарӣ ва амсоли ин аз ҷумлаи он аст, ки ҷавонон бо диққати махсус рағбат пайдо карда, барои ғизои маънавӣ бахшидани мардуми тоҷик ва хориҷиён ба василаи маҳсулоти ҳунармандии хеш талош меварзанд. Бояд ёдовар шуд, ки барои омӯзиш ва пажӯҳиши касбу ҳунарҳои тоҷикон на фақат ҷавонон ва олимон, балки ҳунармандони боҳибтаҷриба аз он баҳра бурда, барои таҳлил ва таҳқики он кӯшиш намоянд.

Ба ин хотир, яке аз вазифаҳои муҳими ҳунармандони ботаҷриба таваҷҷуҳ намудан ва омӯзанонидани нозукиҳои ҳунари хешро ба ҷавонон мебошад. Агар мо роҳи дурусти тарзу усули эҳёи ҳунарҳои миллӣ ва рушди онро ба ҷавонон тарғибу ташвиқ карда тавонем, албатта онҳо нисбати касбу ҳунарҳои гузаштагони хеш як дилгармӣ, муҳаббат ва шавқу ҳавас пайдо мекунанд. Зеро ҳар як касб ё ҳунар ба устод эҳтиёҷ дорад. Наметавон бе дастгирию маводи касе кореро ба анҷом расонда соҳиби мавқеи муайян гардид. Дар ягон давру замон қадр, манзалат ва бузургии одамони дастгир, устодон ва роҳнишондиҳандагон аз байн намеравад. Онҳо ҳамеша чун устоди бузург муътабар ва зинданом буда, ҷамъият ба онҳо ниёз дорад. Шахсе, ки дар зиндагии хеш ҳунари волои худро ба касе намеомӯзонад, яъне шогирде тарбия наменамояд, дарахти бесамареро мемонад, ки беманфиат аст. Анъанаи неки мардумӣ омӯзонидани касбу ҳунарҳои воло ба насли ояндаи миллат аст, ки фардои дурахшони ҳаёт аз он вобастагӣ дорад. Зиндаёд будани номи бузургон ҳам маҳз тавассути ҳунари воло, дастранҷи зебо ва шогирдони баркамол сурат мегирад.

Ҳар як ҷавон дар кори назарӣ ва амалии хеш аз технологияи пешқадам ҳамон вакт мақсаднок истифода бурда метавонад, ки аз тарафи устод мақсаду дастгирии маънавию амалиро ҳис намояд, ҳамақидаю ҳаммаслак бошад, барои амалӣ гардондани навгониҳо шароиту имкониятҳои моддию маънавӣ муҳайё

гардад. Ворид намудани навгониҳо дар технологияи инноватсионӣ аз ҷавонон тайёрии махсусро талаб мекунад.

Ба ин хотир ҷалб намудани ҷавонон ба касбу ҳунарҳои мардумӣ ва тарбия намудани онҳо дар рӯҳияи фарҳангдӯстиву меҳанпарастӣ вазифаи аввалиндараҷаи давлату миллат мебошад. Чунки онҳо дар соҳаҳои мухталифи тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар кору фаъолият дошта, дар рушди фарҳанги миллӣ саҳми арзанда мегузоранд.